# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA–018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он инъикос мегардад, ки Институти ҳимояи судӣ яке аз ҷузъҳои асосии низоми кафолатҳои конститутсионӣ дар самти амалисозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Таъмини риоя ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд танҳо дар шароите муяссар аст, ки дар он волоияти қонун воқеан татбиқ мегардад ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ба меъёрҳои ҳуқуқии муосир асос ёфта бошад. Давлат натанҳо ухдадор аст ҳуқуқи ҳар як шахсро барои мурочиат ба суд бо мақсади ҳимояи манфиатҳои қонунии худ расман эълон кунад, балки кафили воқеии таъмини амалии ин ҳуқуқ мебошад. Дар илми ҳуқуқшиносӣ «Институти ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд яке аз муҳимтарин ва ҳаётан зарурии институтҳои ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад, ки дорои решаҳои амиқи таърихӣ мебошад», фаҳмида мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ҷиҳати тақвияти институти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин беҳтар кардани кафолатҳои судӣ барои татбиқи онҳо, муаллиф ба хулосае меояд, ки дар шароити иҷтимоию ҳуқуқии имрӯза рушди низоми ҳуқуқии миллӣ афзалиятнок боқӣ мемонад. Ин аҳамияти ин рисоларо муайян мекунад. Ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ба ҳимояи судӣ ҳамчун яке аз унсурҳои калидии татбиқи воқеии ҳуқуқу озодиҳо баромад мекунад ва дар амалӣ намудани принсипи волоияти қонун нақши ҳалкунанда мебозад, зеро маҳз тавассути татбиқи ин институт шаҳрвандон метавонанд аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ дар ҳолати поймолшавӣ аз ҷониби ашхос, мақомоти давлатӣ ё дигар субъектҳо ҳимоя кунанд.

Ҳимояи судӣ – яъне ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахс тавассути суд ҳамчун яке аз кафолатҳои асосии ҳуқуқии амалӣ эътироф мегардад. Он барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда, татбиқи чораҳои маҷбурии давлатӣ нисбат ба ашхос ё сохторҳоеро, ки ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон таҷовуз мекунанд ё таҳдид менамоянд, дар бар мегирад.

Ҳифзи самараноки ҳуқуқи инсон аз ҷониби суд танҳо бо роҳи институтсионализатсияи мустақилияти судӣ ва мустақилияти воқеии судяҳо имконпазир аст. Дар давлати ҳуқуқбунёд, мустақилияти судӣ имтиёзи шахсӣ

нест, балки шарти пешакии таъмин ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Мустақилияти судӣ шарти асосии фаъолияти низоми судӣ ҳисобида мешавад, ки барои таъмини адолати беғаразона ва ҳифзи ҳадди аксар ҳуқуқ ва озодиҳои шахс пешбинӣ шудааст. Меъёри муайянкунандаи мустақилияти судӣ қобилияти он барои ҳифзи самараноки озодии шахсии шаҳрванд ва ҳифзи самараноки ҳуқуқҳои онҳо мебошад. Аммо, бояд қайд кард, ки мавқеи суд дар ҷомеаи муосир ба таври гуногун арзёбӣ мешавад, ки ҳам қувват ва ҳам заъфҳои онро инъикос мекунад. Албатта, ин вазъият таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаро талаб мекунад, ки дар он ба таърихи ташаккули низомҳои гуногуни судӣ дар давраи рушди давлат аҳамияти калон дорад.

Ҳамаи нуктаҳои дар боло зикршуда мубрамияти мавзуи интихобшуда ва зарурати таҳлили комплексии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шахс ва таъмини самараноки онҳоро дар шароити муосир нишон медиҳанд.

Диссертатсия ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ. ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқ мебошад. Диссертатсия таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқии анҷомёфта буда, аз ҷониби унвонҷӯй мустақилона таҳияшуда, сатҳи навгонӣ ва дар шароити ҷумҳурӣ татбиқшаванда буданро дорад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ, такмили қонунгузорӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ самти ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ истифода шаванд, ки он саҳми бевоситаи унвонҷӯйро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти мазкур ба Шиносномаи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат (Қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, №10) пешниҳод шудааст, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи Фармоиши Комиссяи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7-уми январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 14 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи оли аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида шудааст. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯй инъикос ёфтаанд. Шумораи маводи нашрнамуда ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Раҳимзода С.О. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхазҳо мавҷуд набуда, ҳамаи адабиёти истифодагардида бо ишора ба муаллиф ё сарчашма тавассути иқтибос ба расмият давроварда шудаанд, ки аз риоя шудани Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯй маълумои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз ҷониби ӯ чопгардида, мавҷуд намебошад.

Комиссияи экспертӣ диссертасияи Раҳимзода Сафар Орзу - ро дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ-назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат баррасӣ намуда, дар асоси бнди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертасияи Раҳимзода Сафар Орзу дар мавзуи «Ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шахс: таҳқиқоти таърихӣ- назариявӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳақиқони зеринро, ки бо корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқ доранд, ба ҳайси муққаризони расмӣ пешниҳод менамояд:

**Одиназода Рамазон Сафар** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Директори Муассисаи давлатии «Маркази барномаҳои байналмиллалӣ»-и

**Сафарзода Некрӯз Файзӣ –** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар – Муассисаи таҳсилоти олии касбии Академия ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автоеферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
директори Маркази исломшиносӣ дар
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Холиқзода А.Ғ.

**Аъзои комиссия экспертӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
мудири кафедраи криминалистика ва
фаъолияти экспертизаи судии факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ Назаров А.Қ.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи назария ва таърихи
давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Куканов А.З.

Имзои Холиқзода А.Ғ-ро тасдиқ менамоям:
Сардори БК ҳуқуқ ва КМ МИ дар назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Анҷуманова Г.А.
«_09_»___12_______2025

Имзоҳои Назаров А.Қ. ва Куканов А.З-ро
тасдиқ менамоям:Сардори РК ва КМ ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«_09_»___12_______2025